**Суратҷаласаи №13**

Ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**20 июни соли 022** **ш. Душанбе**

**Аъзоёни Шӯро ҳамагӣ: 15 нафар**
**Иштирок доштанд: 13 нафар аъзоёни Шӯро**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**

| | |
|---|---|
| 1. Фақеров Ҳамидуллохон Нуриддинович | д.и.и. 08.00.05.02 |
| 2. Кошонова Манзура Раҳматҷоновна | д.и.и. 08.00.05.02 |
| 3. Убайдуллоев Фаредулло Каримович | н.и.и. 08.00.07 |
| 4. Қандиёрова Дилбар Облоқуловна | д.и.и. 08.00.03 |
| 5. Шарипов Баҳром Маҳмудович | д.и.и. 08.00.07 |
| 6. Мирсаидов Саидакмал Авророович | д.и.и. 08.00.03 |
| 7. Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ | д.и.и. 08.00.07 |
| 8. Ҷонмамадов Шермамад Бегмамадович | д.и.и. 08.00.05.02 |
| 9. Сафаров Баҳром Гулматович | н.и.и. 08.00.03 |
| 10. Қодиров Фируз Абдулҳафизович | н.и.и. 08.00.03 |
| 11. Ҳикматов Умедҷон Сафаралиевич | д.и.и. 08.00.07 |
| 12. Умаров Хоҷамаҳмад | д.и.и. 08.00.07 |
| 13. Исайнов Ҳисайн Раҳимович | д.и.и. 08.00.03 |
| 14. Шаропов Фарҳод Разоқович | д.и.и. 08.00.05.02 |
| 15. Бегматов Ашурбой Ахманович | н.и.и. 08.00.05.02 |

**Шунида шуд:** Раиси комиссияи ташхиси аввалия, д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Саидаҳмадов Фаррух Бобоқулович дар мавзуи “Такмили танзими давлатии сармоягузории кишоварзии минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба ҳимояи такрорӣ баромад намуда, хулосаи омоданамудаи комиссияи экспертиро оид ба қабули диссертатсияи мазкур барои ҳимоя ба аъзоёни шӯро расонид.

Диссертатсия таҳти роҳбарии д.и.и., профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Хушвахтзода Қ.Х. омода гардидааст.

Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси 08.00.03 -Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, инчунин соҳаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014 мувофиқат мекунад.

Вобаста ба мавзуъ ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар умум 16 мақолаи илмӣ, дар ҳаҷми 7,5 ҷузъи чопӣ (2,6 ҷ.ч. аз муаллиф) чоп гардидааст, ва аз ин шумора 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷмуаи маводи конференсияҳои сатҳи гуногун ба табъ расонида шудаанд.

Комиссияи экспертӣ барои баргузор намудани ҳимояи такрории диссертатсияи Саидаҳмадов Фаррух Бобоқулович дар мавзуи "Такмили танзими давлатии сармоягузории кишоварзии минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ дар Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон тавсия медиҳад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсияи Саидаҳмадов Фаррух Бобоқулович дар мавзуи "Такмили танзими давлатии сармоягузории кишоварзии минтақа (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ **ба ҳимояи такрорӣ** қабул карда шавад.

2. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмуъ дар 16 мақолаи илмӣ, дар ҳаҷми 7,5 ҷузъи чопӣ (2,6 ҷ.ч. аз муаллиф) чоп гардида, аз ин шумора 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Академияи идоракунии давлатии назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин таъин карда шавад.

4. Бо пешниҳоди комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионӣ ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Султонов Зубайдулло Султонович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи молияи Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон;
- **Ақилҷонов Фурқат Шарифович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;

**Санаи ҳимоя** 7-уми октябри соли 2022 таъин карда шавад.

5. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимоя дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи муассиса ва нашри автореферат бо теъдоди 100 нусха бо ҳуқуқи дастнавис ва паҳнкунии он иҷозат дода шавад.

Омода намудани лоиҳаи хулосаи Шӯро оид ба диссертатсияи Саидаҳмадов Фаррух Бобоқулович ба уҳдаи д.и.и., профессор Исайнов Ҳ.Р., д.и.и., дотсент Мирсаидов С.А. ва н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г. вогузор карда шавад.

Аз рафти ҷаласа чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Тарафдор – 13 нафар;

**Раиси**
**шӯрои диссертатсионии**
**6D.KOA-014, д.и.и., профессор** **Ҳ.Н. Фақеров**

**Котиби илмии**
**шӯрои диссертатсионии**
**6D.KOA-014, н.и.и.** **Ф.К. Убайдуллоев**

Дурустии имзоҳои Ҳ.Н. Фақеров ва Ф.К. Убайдуллоевро тасдиқ менамоям:

Сардори ШК ва корҳои махсуси ДДМИТ, н.и.ҳ. Шарипов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

“____” июни соли 2022